*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 13 (4753) | ҶУМЪА, 26 ЯНВАРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО МУРАТ НУРТЛЕУ

**25-уми январи соли 2024 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муовини Сарвазир, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон Мурат Нуртлеуро, ки бо сафари расмӣ дар Тоҷикистон қарор дорад, ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот доираи васеи масъалаҳои ҳамкории Тоҷикистон ва Қазоқистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Тамоюли тавсеаи устувори шарикии стратегии ҳар ду давлат, инчунин, ба сатҳи ҳампаймонӣ баровардани онҳо бо қаноатмандӣ таъкид гардид.

Сарвари давлати мо рушд ва таҳкими муносибатҳои дӯстона ва ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Қазоқистонро авлавияти тағйирнопазири сиёсати хориҷии Тоҷикистон номиданд.

Пешвои миллат аз натиҷаҳои баланди соли гузашта ёдовар шуда, самарабахш будани равобити Тоҷикистону Қазоқистонро дар соли равон таъкид карданд.

Ҷонибҳо аз рушди самарабахши минбаъдаи ҳамкориҳои судманди ҳар ду кишвар дар чунин соҳаҳои иқтисод, ба монанди тиҷорат, саноат, энергетика ва бахши агросаноатию сармоягузорӣ, инчунин, дар соҳаҳои сайёҳӣ, фарҳанг ва маориф ҷонибдорӣ намуданд.

Дар мулоқот, ҳамчунин, доир ба чорабиниҳои сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба, ки соли равон ба нақша гирифта шудаанд, табодули афкор намуда, масъалаҳои муҳими рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ баррасӣ гардиданд.

**www.prezident.tj**

---

**18-уми декабри соли 2023 Қаҳрамони Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои ИҶШС, муаллифи шоҳасари безаволи «Тоҷикон» Бобоҷон Ғафуров 115-сола шуд. Ба ифтихори ин санаи бузург дар тамоми гӯшаю канори мамлакат чорабиниҳои гуногун баргузор гардиданд, ки далел аз муҳаббати мардум ба ин абармарди илм ва сиёсат аст.**

Дар Симпозиуми байналмилалии «Бобоҷон Ғафуров – бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик», ки 5-уми декабри соли 2023 дар шаҳри Душанбе доир гардид,



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавзуи «Академик Бобоҷон Ғафуров – муаррифгари беҳамтои миллат» суханронӣ намуданд. Чунин арҷгузорӣ ва гиромидошти бузургони миллат, мисли аллома Бобоҷон Ғафуров, аз рӯзҳои нахустини Сарвари давлат интихоб гардидани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар меҳвари сиёсати ватандӯстонаи ин абармарди сиёсат қарор гирифтааст. Ҷойгоҳи аллома Бобоҷон Ғафуров бо таваҷҷуҳ ва кӯшишҳои

## БОБОҶОН ҒАФУРОВ - ДАР ҲАР ХОНАДОН ВА ВИРДИ ЗАБОНҲО

Президенти ҷумҳурӣ дар мамлакат ва берун аз он рӯз ба рӯз баландтар мегардад.

Дар солҳои аввали баъдиҷангӣ хоҷагии ба номи Молотови вилояти Сталинобод дар соҳаи пахтакорӣ машҳур гардида буд. Сарварии ин хоҷагиро устоди пахта Самеъ Зоиров ба уҳда дошт. Писари ӯ, сокини маҳаллаи «Роҳи нав»-и пойтахт Ҳоҷӣ Абдусаид он айёмро ба хотир оварда изҳор дошт, ки сабаби асосии пешравии ҷумҳурии мо дар он солҳо роҳбарии Бобоҷон Ғафуров будааст ва бо хушнудӣ илова намуд:

- Рӯзе шоҳиди ҳолате гаштам. Кӯдакон бо «мактаббозӣ» сатҳи дониши ҳамдигарро месанҷиданд. Духтарчае аз ҷой бархосту гуфт: - Номи Қаҳрамонҳои Тоҷикистон?

Ҳамоно чанд даст боло шуд.

- Садриддин Айнӣ, - ҷавоб дод духтараки аввал.

- Бобоҷон Ғафуров, - гуфт дуюмӣ.

- Эмомалӣ Раҳмон, - зуд ҷавоб дод писараке. Номҳои Мирзо Турсунзода, Ширииншоҳ Шоҳтемур ва Нусратулло Махсум садо доданд. Маро хуш омад, ки кӯдакон бузургони миллатамонро медонанд ва ба онҳо ба таври худ ифтихор мекунанд. Хуштар аз он будам, ки номи аллома Бобоҷон Ғафуров аз овони тифлӣ маро ошносту мардуми огаҳ то имрӯз ҳавлии мо, маҳалла ва чойхонаи онро қадамҷои ин бузургмард медонанд.

Ҳоҷӣ Абдусаид худ аллома Бобоҷон Ғафуровро надидааст. Аз он нафароне, ки чунин бахт насиб гардидааст, имрӯз қариб касе намонда. Моро насиб гардида буд бо ашхосе, ки Бобоҷон Ғафуровро дидаанд, чанд суҳбат дошта бошем. Суҳбати хотирмон соли 2008, рӯзи баргузории озмуни «Маҳаллаи беҳтарин» дар чойхонаи «Киропол» сурат гирифта буд. Он рӯз пиру барнои маҳалла дар ин чойхона ҷамъ омада буданд.

Бояд зикр намуд, ки аксари сокинони аввалини ин маҳалла аз деҳаи Қалъачаи калони шаҳри Истаравшан муҳоҷир шуда ба ин ҷо омадаанд. Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар симпозиуми байналмилалӣ изҳор доштанд: «Бобоҷон Ғафуров зимни сиёсати муҳоҷиркунии дохилӣ, пеш аз ҳама, тараққиёти минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқ ва иттиҳоду ягонагии мардуми тоҷикро дар меҳвари фаъолияти роҳбарии худ қарор дода буд».

- Дар ҳамин чойхона Бобоҷон Ғафуров чандин маротиба вохӯрӣ ва ҷаласаҳо гузаронидаанд, - дар он чорабинӣ гуфта буд собиқ раиси маҳалла шодравон Ҳоҷӣ Ҷӯрахон. - Рӯзҳое, ки устод ба маҳалла меомадаанд, ба ид табдил меёфтааст. Сокинони маҳалла ҳама барои дидан ва шунидани устод ба чойхона мешитофтаанд. Устод самимона суҳбат мекардаанд. Аз мушкилиҳо ва дарди дили халқ огаҳ будаанд. Бинобар ин, аксар мӯйсафедони маҳалла устодро мешинохтанд ва эҳтиром мегузоштанд. Бобоҷон Ғафуров бо раиси хоҷагӣ Самеъ Зоиров дӯстӣ ҳам доштаанду оши туппаи кадбону ва пазандаи камназир - ҳамсари он кас холаи Латофатро, ки оши туппаи модарашонро ба ёд меоварад, дӯст медоштаанд.

- Модарам бо ифтихор нақл мекарданд, ки вақте Бобоҷон Ғафуровро хумори модарашон ва оши туппаи он кас мегирифтааст, ба падарам занг зада хоҳиш мекардаанд, ки «модара гӯед, як туппа кунанд, ман меравам»,- мегӯяд Ҳоҷӣ Абдусаид, - Амакам, Қаҳрамони меҳнат ва устоди пахта Алӣ Зоиров низ аз он айём зиёд ёд мекарданд. Борҳо таъкид менамуданд, ки дар рафтору муносибати Бобоҷон Ғафуров ягон зарра такаббур ё худситоиро эҳсос накардаанд. Бо бузургон бародаронаю бо ҷавонон падарона суҳбат менамудаанд.

Модарам ба ёд меоварданд, ки устод оши туппаро мехӯрдаанду ба ягон ғизои дигар даст дароз накарда, бо миннатдорӣ аз сари дастурхон мехестаанд, ки «кори давлат»...

Аз он айём солҳои зиёд сипарӣ гардиданд ва шояд замоне хотираҳои он рӯзҳо аз ёдҳо зудуда мегардад. Фақат аҳли қалам қодир аст хотираҳои ин алломарро зинда гардонад. Бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар як хонадони Тоҷикистон ройгон тақдим намудани китоби «Тоҷикон», ҳамчунин, бо ибтикори Пешвои миллат баргузор гардидани Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» ин хотираҳоро аз нав зинда гардонд ва имрӯз дар ҳар гӯшаи Тоҷикистон, дар ҳар хонадон ва аз забони ҳар сокини мамлакат номи Бобоҷон Ғафуровро шунидан мумкин аст. Ба қавли шодравон Лоиқ Шералӣ:

**Бузургонро бузургон зинда медоранд,**
**Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд.**

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

---

**Тибқи дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми январ то 5-уми феврали соли ҷорӣ ҷиҳати мулоқот бо интихобкунандагон ба вилоятҳои Хатлону Суғд, ВМКБ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба сафари корӣ мебароянд.**

## ВОХӮРИИ ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН ОҒОЗ ГАРДИД

Вакилони Маҷлиси намояндагон дар муддати 10 рӯз бо интихобкунандагон мулоқоту вохӯриҳо гузаронда, роҷеъ ба Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарору қонунҳои ба тозагӣ қабулнамудаи ин мақоми олии қонунбарор гузориш медиҳанд.

Вакилони Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, дар маҳалҳо бо коллективҳои омӯзгорон, духтурон, намояндагони сохторҳои қудратӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот мулоқот намуда, дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта мусоидат менамоянд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

---

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Неъматулло ХОЛБОЙЗОДА:

## «ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ ДАВЛАТ ВАЗИФАИ ҶОНИИ МОСТ»

**Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат, ки 28 декабри соли 2023 ироа гардид, тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Роҷеъ ба баъзе нуктаҳои Паём хабарнигори рӯзнома бо вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Неъматулло Холбойзода ҳамсуҳбат шуд.**

**- Аз Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат Шумо чӣ гуна тассурот бардоштед?**

- Мардуми Тоҷикистон ҳар сол Паёми Пешвои миллатро бесаброна интизорӣ мекашанд, зеро онҳо медонанд, ки дар он вазъи воқеии ҳаёти имрӯза таҳлил гардида, баҳри рушди минбаъда аз ҷониби Сарвари давлат иқдому пешниҳодоти нав ироа мегардад. Паёми навбатӣ низ боиси таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа, аз ҷумла вакилони Маҷлиси намояндагон, гардид. Дар оғози суханрониашон Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки «Соли 2023 барои Тоҷикистон, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он – хушксолию камобие, ки солҳои охир дар минтақа идома дорад, ба шарофати заҳмати аҳлонаю содиқонаи мардуми сарбаланди кишвар боз як соли бобарор гардид. Дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид. Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат қисми даромади буҷети давлатӣ ҳар сол зиёд гардида, соли 2023 ҳаҷми он нисбат ба соли 2017-ум 1,6 баробар афзоиш ёфт».

Табиист, ки ин чораю тадбирҳо баҳри рушди минбаъдаи кишвар ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ равона гардидааст. Чунончи, Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки дар се соли минбаъда ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ афзоиш дода шуда, ба ин мақсад 61 миллиард сомонӣ равона карда мешавад. Дар робита ба ин Вазорати молия



вазифадор карда шуд, ки бо сохтору мақомоти дахлдор ҷиҳати таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, самаранокии хароҷоти он ва фарогирии пурраи сарчашмаҳои имконпазири даромади буҷет раванди рақамикунонии молия ва андозро густариш бахшида, дар муҳлати наздиктарин низоми мукаммали муносибатҳои молияи рақамиро роҳандозӣ намояд.

**- Дар Паёми навбатӣ низ ба раванди амалӣ гардидани яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат, яъне расидан ба истиқлолияти энергетикии кишвар, таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Шумо, ки узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия ҳастед, мегуфтед, ки баҳри фаъолияти бонизоми соҳаҳои мазкур чӣ гуна заминаҳои ҳуқуқӣ муҳайё гардидааст?**

- Воқеан, тавре дар Паёми Президенти кишвар таъкид шуд, солҳои охир рушди бомароми соҳаи энергетика ба раванди саноатикунонии босуръати кишвар заминаи мусоид фароҳам овард.

«Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои навсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми энергетикии кишвар 85,7 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Низоме, ки дар 75 соли замони гузашта муҳлати истифодаи аксари таҷҳизоти он қариб, ки ба анҷом расида буд, таҷдиду навсозӣ карда шуд. Агар мо ин корро намекардем, шояд имрӯз умуман бе барқ мемондем», - гуфтанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Ҳамзамон, қайд шуд, ки «Дар ин давра танҳо барои азнавсозии неругоҳҳои барқи обии амалкунанда беш аз 11,3 миллиард сомонӣ равона гардида, Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» пурра таҷдид ва иқтидори он 30 мегаватт зиёд карда шуд. Инчунин, таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак» ва «Қайроққум» бомаром идома дошта, баъди ба анҷом расидани корҳо иқтидори онҳо, дар маҷмӯъ, 423 мегаватт афзоиш меёбад. Нуктаи муҳим ин аст, ки неругоҳҳои зикршуда баъди азнавсозӣ ба мардуми Тоҷикистон боз даҳсолаҳои дигар хизмат хоҳанд кард».

Мавриди зикр аст, ки аъзои Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия тайи солҳои охир дар баррасии як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок доштанд. Аз ҷумла, соли 2022 лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика», «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 2023 лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона», «Дар бораи алоқаи барқӣ» ва ғайраҳо мавриди баррасӣ қарор дошта, қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

---

## ГУСТАРИШИ МУНОСИБАТҲОИ ДӮСТОНАИ ТОҶИКИСТОНУ ЭРОН



**25-уми январи соли 2024 раиси комиссияи одоби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло Баротзода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Алиризо Ҳақиқиён мулоқот намуд.**

Таъкид гардид, ки ҳар ду кишвари дӯсту бародар – Тоҷикистону Эронро арзишҳои олии фарҳангию таърихӣ ва суннату анъанаҳо ба ҳам мепайвандад. Аз ин рӯ, густариши муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Исломии Эрон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

- Мо ҷонибдори рушди робитаҳои кишварҳоямон ҳастем ва омодаем, ки ҷиҳати тавсеаи минбаъдаи онҳо дар ҳама сатҳ фаъолияти густурдаро роҳандозӣ намоем, - иброз намуд зимни мулоқот Ф. Баротзода.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкориҳои судманд бо Ҷумҳурии Исломии Эрон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, тавассути гурӯҳҳои дӯстӣ масоили такмили қонунгузорӣ, густариши робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва дигар мавзуъҳои барои ҳар ду давлат муҳимро мавриди ҳаллу фасл қарор медиҳад. Бо ин мақсад миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон гурӯҳи дӯстӣ ташкил гардидааст.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

## Неъматулло ХОЛБОЙЗОДА:

# «ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ ДАВЛАТ ВАЗИФАИ ҶОНИИ МОСТ»

(Идома аз саҳ. 1)

**- Таъмини амнияти озуқавории мамлакат ҳадафи стратегӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, Президенти мамлакат ба роҳбарону мутахассисони сохторҳои марбута баҳри таъмини ҳар чӣ бештари аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзии ватанӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.**

- Бале, Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки дар кишвар талабот ба об ва маҳсулоти кишоварзӣ мунтазам меафзояд. Ин дар ҳолест, ки дар ҷаҳон таҳаввулоти зиёд, аз ҷумла дар соҳаи иқтисодиёту тиҷорат, ба амал омадааст ва занҷирҳои анъанавии таҳвили молу маҳсулот канда шудаанд. Дар баробари ин тағйирёбии иқлим ба рушди бисёр соҳаҳо монеа эҷод карда, мушкилоти зиёде ба бор омадааст. Бо назардошти ҳамаи ин омилҳо Ҳукумати мамлакат барои ҳалли мушкилоти мавҷуда чораҳои муассир меандешад. Дар робита ба ин, тавре дар Паём қайд шуд: «Дар натиҷаи тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумати мамлакат амалигардида ва заҳмати софдилонаи кишоварзон сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ афзоиш ёфта, соли 2023 истеҳсоли ғалладонагиҳо назар ба соли 1991-ум 6 баробар, аз ҷумла гандум-5,6 ва шолӣ 6,7 баробар, картошка 10,8 баробар, сабзавот-9, полезӣ-17,5, меваҷот-10 ва ангур 2 баробар афзоиш ёфтааст. Дар ин давра саршумори чорвои калон 2 баробар (ҳоло шумораи он ба 2,6 миллион сар расидааст), чорвои майда 2 баробар (6,6 миллион сар) ва паранда 1,9 баробар (12,2 миллион сар) зиёд шудааст. Бо мақсади идома додани ин раванд Ҳукумати мамлакат ба масъалаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, рушди саноати хӯроквори ва содироти маҳсулоти он диққати аввалиндараҷа диҳад. Илова бар ин, дар самти ташкили озмоишгоҳҳои ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ, ҳалли масъалаи эътирофи сертификати сифат дар доираи савдои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои шарик ва ташаккули «долони сабз»-и бо технологияҳои рақамӣ муҷаҳҳаз тадбирҳои зарурировоҳандозӣ намояд.».

**- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ даъват карданд, ки баҳри такмили пайвастаи қонунгузорӣ тамоми саъю кӯшиши худро равона созанд.**

- Воқеан, таъмини рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Дар ин замина, тавре Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад». Пешвои миллат дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилшудаи кишварро натиҷаи қонунҳои таҳия ва қабулкардаи парламенти мамлакат арзёбӣ карданд.

«Ба шумо - аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон муроҷиат карда, ҳамаи шуморо даъват менамоям, ки биёед, минбаъд низ якҷоя кору фаъолият намуда, кишвари худро ободу зебо созем, сатҳу сифати зиндагии халқамонро баланд бардорем ва обрӯи Ватани азизи худ - Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳкиму тақвият бахшем.». Ин муроҷиат ва даъвати Пешвои миллат масъулияти моро баҳри иҷрои вазифаҳои дарпешистода дучанд мекунад, зеро он ба бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар равона гардидааст. Дар ин замина Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карданд, ки соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад. Таъмини волоияти қонун дар ҷомеа ба низому тақвияти давлатдорӣ, амалӣ гардидани нақшаю барномаҳои созандагӣ ва пешрафти тамоми соҳаҳо, дар маҷмӯъ, боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекунад.

**- Нуктаҳои дар Паём зикрёфта, албатта, зимни мулоқоту вохӯриҳои вакилон бо интихобкунандагон мавриди таваҷҷуҳ қарор хоҳанд гирифт.**

- Бале, ҳар сол бо ироаи Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ мо - вакилон ба шаҳру ноҳияҳо рафта, бо мардум вохӯриҳо доир менамоем ва нуктаҳои Паёмро шарҳу тавзеҳ медиҳем.

Дар фарҷоми мусоҳиба ман мехостам аз даъвати Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шавам, ки барои мо - вакилон ва умуман, шаҳрвандони кишвар дастури раҳнамунсоз аст: «Дар баробари комёбиҳо имрӯз мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби ҳаёти ҷомеа ва давлат, инчунин, вазифаҳо барои ҳаллу фасли онҳо муайян ва мушаххас карда шуданд... Бартараф кардани камбудиҳои мавҷуда ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта, қабл аз ҳама, вазифаи ҷонии ҳар як роҳбар – аъзои Ҳукумат, Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, роҳбарони сохтору мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, хизматчиёни давлатӣ, аҳли зиё, фаъолон ва тамоми мардуми шарифи кишвар мебошад.

Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем».

**Мусоҳиб Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

# НАҚШИ ЯК ОЛИМ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

**Агар мо ба рушди соҳаи кишоварзии кишвар, маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, бозору мағозаҳои пур аз сабзавоту меваҷот, таъмини амнияти озуқаворӣ, боғҳои интенсивии дар доманакӯҳҳо густурда назар афканем, пеш аз ҳама, саҳми олимони соҳаи кишоварзӣ пеши назар меояд. Аз рӯи маълумоти оморӣ низ саҳми онҳо дар соҳаи кишоварзӣ хеле назаррас аст.**

Имрӯз, ки мо барои татбиқи барномаи тараққиёти «Рушди устувор» азму талош дорем, пеш аз ҳама, чашми умеди давлат ва ҷомеа ба сӯи олимону мутахассисон аст, хоса олимони соҳаи кишоварзӣ, ки барои муҳайё сохтани зиндагии шоиста ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат ҳиссагузоранд. Президенти кишвар ҳар таъкиде, ки вобаста ба рушду тараққиёти кишвар мекунанд, маҳз ба фаъолияти олимон нигаронда шудааст.

Яке аз олимони сермаҳсули тоҷик академики Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Турсунбой Ахмедов мебошад, ки рушди як ҷузъи соҳаи кишоварзӣ - сабзавоткорӣ ба меҳнату заҳматҳои ӯ низ иртибот дорад.

Мавсуф фаъолияти меҳнатиашро дар шуъбаи сабзавоткории Институти таҳқиқоти илмии зироаткории Тоҷикистон шурӯъ намуда, дар равияи тухмипарварии зироатҳои сабзавотию полезӣ ва истифодаи нуриҳо дар онҳо таҳқиқоти зиёд гузаронда, баъди ташкил шудани Институти таҳқиқотии илмии боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Тоҷикистон ба ҳайси корманди илмӣ корро давом додааст. Соли 1987 рисолаи номзадиро дар мавзуи «Истифодаи нуриҳо дар кишти харбуза дар водии Вахш» дар Институти умумииттифоқии сабзавоткорӣ (шаҳри Москва) дифоъ намудааст. Натиҷаҳои фаъолияти илмию амалии ӯ аз назарҳо дур намонда, дар истеҳсолоти ватанӣ татбиқ гардид. Турсунбой Ахмедов соли 2004 дар Институти умумироссиягии сабзавоткории шаҳри Москва рисолаи доктории ашро дар мавзуи «Муътадилгардонии ғизогирии минералӣ, ҳосилнокӣ ва сифати зироатҳои полезӣ ва сабзавот дар Тоҷикистон» дифоъ менамояд. Ин дастоварди илмии ӯ барои рушди соҳаи кишоварзии мамлакат нақши муҳим бозид.

Воқеан, таъминот ба маҳсулоти асосии озуқавории истеҳсоли ватанӣ он гоҳ даст медиҳад, ки олимон навъҳои афзалиятноки маҳсулоти кишоварзӣ, тухмиҳои аълосифат ва устувории маҳсулоти истеҳсолшударо дар истеҳсолот ба роҳ монда, истифодаи технологияҳои навро ҷорӣ намоянд. Онҳо ба ин васила дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат, фаровонии бозори истеъмолӣ, рушди содирот, бо ашёи хом таъмин кардани саноати сабук ва бо ҷои кори доимӣ таъмин шудани аҳолӣ нақши назаррас мебозанд. Ин дар таҷрибаи кишоварзии ҷаҳон исбот шудааст.

Бо роҳбарии академик Турсунбой Ахмедов навъҳои нави пиёзи тезпаз бо номи «Аброрӣ» ва миёнапази «Ҳисорӣ», қаламфури тези навъи «Серҳосил», навъҳои картошкаи «Нурӣ» ва «Сурхоб» кашф гардида, дар ҷумҳурӣ ноҳиябандӣ шудааст, ки имрӯз дар бозори истеъмолӣ маҳсулоти ватанӣ ҷои маҳсулоти воридотиро иваз намудааст.

Воқеан, натиҷаи заҳматҳои софдилонаи олимон аст, ки нақшаҳои амалишудаи Ҳукумати мамлакатро дар фаровонии маҳсулоти ватанӣ дида истодаем. Президенти кишвар заҳматҳои пурарзиши олимонро дар фаровонии бозори истеъмолӣ ба инобат гирифта, дар Паёми навбатиашон (28-уми декабри соли 2023) ба олимону кишоварзони мамлакат изҳори миннатдории самимӣ намуда, аз ҷумла, чунин иброз доштанд: «Соли 2023 таъминот бо маҳсулоти асосии озуқавории истеҳсоли ватанӣ дар кишвар ба 85 фоиз расонда шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991-ум 2,5 баробар зиёд мебошад». Воқеан, аз меъёри истеъмолӣ зиёд истеҳсол кардани картошка 122 дарсад, сабзавот – 174 , пиёз - 527, сабзӣ - 360 ва полезӣ 360 дарсад аксаран маҳсули дастранҷи олимони навъовари мамлакат мебошад.

Профессор Т. Ахмедов тавонист, ки омӯзиши хусусиятҳои навъҳои гуногуни зардолу ва технологияи парвариши онро дар манотиқи Осиёи Марказӣ, лоиҳаҳои байналхалқӣ ИПГРИ (Италия), Маркази умумиҷаҳонии сабзавот (АЦИРО, Тайван), Институти умумиҷаҳонии картошкапарварии CIP (Перу), Ташкилоти озуқаворию кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид, Институти «Боғпарварӣ»-и Ҷумҳурии Корея, институтҳои умумироссиягии сабзавоткорӣ ва картошкапарварӣ ҳаматарафа вусъат диҳад.



Номбурда чун олими намоёни соҳаҳои боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он обрӯю эътибори хоса дорад. Ӯ робитаҳои илмиро бо донишгоҳҳои тадқиқотии байналмилалӣ мустаҳкам намуда, дар пешрафти илми меваю сабзавоткорӣ меҳнати арзанда кардааст.

Ин олими шинохта зиёда аз 250 мақола, асарҳои илмию тавсияномаҳо, китобу монографияҳоро ба табъ расонда, дар таҳияву татбиқи «Барномаи барқароркунӣ ва рушди соҳаи боғу токпарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (солҳои 2004, 2007, 2009, 2015) саҳми назаррас гузоштааст.

Дар давраи роҳбарии ӯ дар Институти илмӣ-истеҳсолии «Боғпарвар» ва Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ 13 рисолаи докторӣ ва зиёда аз 20 рисолаи номзадӣ дифоъ шуда, 7 нафар кормандони он ба унвони баланди «Корманди шоистаи Тоҷикистон» сарфароз гардидаанд.

Ҳоло академик Т. Ахмедов фаъолияташро чун профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур идома дода, ҳамзамон, роҳбари илмии мавзуъҳои селексия, тухмипарварӣ ва коркарди технологияи парвариши зироатҳои сабзавотию полезӣ ва картошкаи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ мебошад.

Дар давраи роҳбарии Турсунбой Ахмедов Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ ба яке аз муассисаҳои пешқадами илмии ҷумҳурӣ табдил ёфта, дар амалигардонии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст.

Ӯ ҳангоми омодасозии лоиҳаҳо ва бунёди «Боғи миллӣ» дар ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Бобоҷон Ғафуров, боғҳои намунавӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Файзобод, Ёвон, Рашту Тоҷикобод, боғу токзори коллексионию намунавии ноҳияҳои Данғараю Хуросон ва Бобоҷон Ғафуров ҳамчун устоди пуртаҷриба роҳнамоӣ кардааст. Натиҷаи чунин навҷӯии олимони тоҷик буд, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар зиёда аз 112 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд гардид.

Ҳоло Т. Ахмедов дар ҳамкорӣ бо олимони ҷумҳуриҳои Кореяву Туркия хусусиятҳои хоси парвариши сабзавотро дар гармхонаҳои замонавии назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур аз худ карда, чун олим дар қатори устодони беҳтарини донишгоҳҳои муваффақ қарор дорад.

- Ҳарчанд олимони соҳа дар бахшҳои гуногуни илми кишоварзӣ ба як қатор пешравиҳо ноил шуданд, вале бозёфтҳои онҳо ҳоло ҳам қаноатбахш нестанд. То ҳанӯз вазъи парвариши навъҳои ангури ба содирот нигаронидашуда ба талабот ҷавобгӯ нест. Ба сифати тухмии ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум, инчунин, намудҳои серҳосили пахта, картошка ва маҳсулоти дигари кишоварзӣ, ки ба табиати кишвари мо мутобиқанд, беаҳамиятӣ зоҳир мекунем, - мегӯяд Турсунбой Ахмедов.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум», Мумин НАЗАР, доктори илмҳои фалсафа**

---

### Нуқтаи назар

# ИСТИҚЛОЛИЯТ МАРКАЗИ НОҲИЯҲОРО БА ШАҲР ТАБДИЛ ДОД

## МЕСАЗАД, КИ НОМИ ТАЪРИХИАШОНРО БАРГАРДОНЕМ



**Юсуфшоҳи ЁҚУБШОҲ, доктори илми бостоншиносӣ, академик**

**Ба шарофати соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон, кӯшишҳои ҳадафмандонаи Пешвои миллат ва рушду нумӯи иқтисодиёт, илм, фарҳанг ва меъморӣ маркази ноҳияҳои мамлакат ба шаҳр табдил шудаанд. Аммо мардум, аз ҷумла маъмурони ноҳияҳо, аз истифодаи вожаи шаҳр худдорӣ менамоянд. Зарур донистем аз таърихи пайдо шудани шаҳрҳои қадими анъанавии тоҷик ва хусусияти он маълумот диҳем.**

Дар гузаштаи дур чӣ гуна зистгоҳро шаҳр меномиданд? Оё маркази ноҳияҳои имрӯзаи Тоҷикистонро метавонем шаҳр гӯем? Барои шаҳрҳои қадим шартҳои зерин ба назар гирифта мешуд: 1. Ҳудуди он бояд беш аз 5 га замин бошад. 2. Мавҷудияти пешаварӣ: кулолӣ, бофандагӣ, заргарӣ, оҳангарӣ ва ғайра. 3. Мавҷудияти савдо: савдои яклухти хариду фурӯш, бозор, 4. Мавҷудияти идораҳои маъмурӣ, аз қабили раиси шаҳр, раисони маҳаллаҳо, раиси бозор. Мавҷудияти биноҳои ҷамъиятӣ: маъбад, додситон, дабистон, майдонҳои варзиш. 5. Аҳолии он беш аз 5 ҳазор нафар бошад. 6. Мавҷудияти хат. 7. Мавҷудияти девори ҳимоявӣ бо бурҷҳои тирандозӣ ва дарвозаҳои посбондор.

Марказҳои ноҳияҳои имрӯзаи Тоҷикистон ҳамаи шартҳои зикршударо доранд, ба ғайр аз деворҳои ҳимоявӣ ва дару дарвоза. Дар замони қадим аз сабаби набудани давлати ягона ва лашкари доимии амалкунанда барои ҳифзи марзу буми мамлакат деҳаҳо ҳам девори ҳимоявӣ доштанд. Дар замони Сомониён ҳимояи мамлакатро лашкар таъмин намуд ва деҳаҳо аз сари баландиҳо ба об наздиктар фуромаданд ва дигар девори ҳимоявӣ насохтанд, аммо дар шаҳрҳои қадим деворҳои ҳимоявӣ то ибтидои асри XX буданд, масалан, девори ҳимоявии Бухоро то ташкил шудани ҳокимияти шуравӣ амал менамуд.

Дар замони шуравӣ ноҳияҳо номи районро гирифта, дар марказҳо якчанд биноҳои маъмурии яккабата: райком (идораи ҳизбии ноҳия), райисполком (кумитаи иҷроияи ноҳия), суд, милитсия ва ғайра сохта шуданд, ки нисбат ба биноҳои дигари ноҳия шукӯҳманд менамуданд. Имрӯз бинои раиси ноҳия қасри ду ё сеқабата, биноҳои театр, суд, милитсия, пурокуратура ва ғайра ба қаср монанд мебошанд, ки дар шаҳри Москва вазоратҳои давлати шуравӣ чунин бино надоштанд. Ба шарофати истиқлолияти давлатӣ ва ташаббуси Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи ноҳияҳо биноҳои бисёрқабатаи истиқоматӣ, меҳмонхона, мактабҳои сеқабата, майдонҳои варзиш, дӯконҳо, бозорҳои боҳашамат сохта шудаанд, ки ҳатто дар пойтахт - шаҳри Душанбе 30 сол пеш набуданд.

Дар китоби «Авесто», дар бахши қадимтарини он «Ясно» 19, банди 8 гуфта мешавад, «кадомонанд он панҷ радон (роҳбарон) Намонопат - Хонахудо, Виспат - Деҳхудо, Шаҳрпат - Шаҳрхудо, Зантупат - Ноҳияхудо, Даҳюпат - шоҳи кишвар ва Хушатравайра - Шоҳи шоҳон. Ин номҳо дар алоҳидагӣ ҳамчун: Намон, Вис, Занту, Шаҳр, Даю номбар мешуданд. Хуб мешуд, агар мо ба ҷои калимаи ноҳияи арабӣ вожаи тоҷикии авестоии занту ё русторо истифода намоем. Мебинем, ки дар барқарор намудани номҳои таърихӣ номгузорон вақтҳои охир аз истифодаи бисёр номҳои таърихӣ, топонимӣ ва маъмурӣ канорагирӣ менамоянд ва бо баҳонаи он, ки ин ном безеб аст, номҳои таърихии хоси маҳалбударо бо номҳои нави хоси он мавзеънабуда иваз мекунанд. Масалан, номи Сафедоракро ба Сафеддара иваз намудаанд. Зимистон он ҷо пур аз барф аст ва Сафеддара гуфтан раво бошад, аммо вақте барфҳо об шуданд ва сафедӣ ба сиёҳӣ табдил ёфт, пас номашро Сиёҳдара гӯем? Бинобар ин, номҳои таърихиро дигар кардан мумкин нест. Номҳо ифодакунандаи як нишонаи ба худ хоси географӣ ва таърихии мавзеъ мебошанд. Онҳо бозгӯи таърихи ин ё он деҳа, шаҳр ва ноҳия ҳастанд ва иваз намудани онҳо хати батлон задани таърихи халқамон мебошад. Хуб мешуд, ки пеш аз иваз намудани номи маҳалҳо аз олимон мепурсиданд. Имрӯз номҳои топонимӣ ба монанди ёдгориҳои бостонӣ зарурати ҳифз намуданро доранд. Дар замони баланд шудани нуфузи туркзабонони муғулнажод бисёр номҳо аз тоҷикӣ ба туркӣ айнан, ба монанди Сурхоб -Қизилсу,Чоркӯл - Торткул, Сиёҳкӯҳ - Қаратоғ ва ғайра, тарҷума шудаанд. Имрӯз ба ҷойи барқарор намудани номҳои мазкур номгузорон номҳоро мувофиқи хоҳиши худ мегузоранд, ки хато аст.

Ба муносибати Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоям, ки вожаи ноҳия ба русто иваз шавад. Дар замони Сомониён вожаи русто маъмул буд ва имрӯз дар Эрон истифода мебаранд. Маркази рустоҳо шаҳр эълон шаванд: Рустои Турсунзода марказаш шаҳри Регар ном гирад. Номи Регар дар сарчашмаҳои замони Сомониён ёд мешавад. Маънои Регар макони регдор аст. Дар гузашта гирду атрофи он регзор будааст. Маркази рустои Шаҳринав шаҳри Ҳамоварон ном гирад. Дар гузашта Шаҳринав Аҳурон ном дошт ва марказаш Ҳамоварон буд. Дар «Шоҳнома» номи Ҳамоварон ёд мешавад ва зани Кайковус, шоҳи дуюми сулолаи Каёниён, Судоба духтари шоҳи Ҳамоварон аст. Маркази Ҳисор шаҳри Шиман номида шавад. Вожаи Шиман дар Авесто ёд мешавад ва маъноящ баландии равшан мебошад. Аз нофаҳмиҳо вожаи Шиман Шуман ва Шодмон шудааст. Маркази рустои Рӯдакӣ Сешанбе номида шавад. Сешанбе номи қадими ин мавзеъ аст ва бо ин ном дар «Таърихи Ҳумоюн»-и Гулшанӣ ёд мешавад.

Маркази рустои Ёвон шаҳри Ёвон монад. Номи Ёвон ба маънои замини камоб аст. Рустои Ҷомӣ марказаш Хуррамшаҳр номида шавад, ки бо ин ном мӯйсафедон дар гузашта онро ёд мекарданд. Маркази Хуросон шаҳри Лабкан ном гирад. Шоҳигарии бахши болои водии Вахш бо ҳамин ном ёд мешавад. Маркази Лабкан дар ҷои Ҳалқаҷари ноҳияи Хуросон ҷой дошт. Номи Лабканро барои он гирифтааст, ки замоне рӯди Вахш маҷрояшро иваз намуда, як қисмати шаҳрро шуста бурдааст ва ба ҳамин хотир номи шаҳр Лабканро гирифтааст. Соли 2000-ум сокинони деҳаи Сарбанд аз харобаи Ҳалқаҷар 200 сиккаи тиллоии шоҳ Хувишка, писари Канишкаи Кабирро ёфта буданд. Таҳқиқот дар харобаи он нишон дод, ки дар замони Кӯшониён дар он ҷо шаҳри калони маъмурию ҳунармандӣ ва пойтахти водии Вахш ҷой доштааст, ки бо ин ном дар сарчашмаҳои то истилои муғул ёд мешавад. Маркази рустои Кӯшониёнро Кӯшктеппа номидан равост. Кӯшктеппа номи тоҷикии Қӯрғонтеппа мебошад. Рустои Вахш марказаш Вахшон номида шавад. Вахшон номи фариштаи рӯди Вахш ва Тахти Сангин мебошад.

Маркази рустои Ҷалолиддини Балхӣ шаҳри Ҳеловар номида шавад. Вожаи Ҳеловар аз ду бахш: «ҳел» иҳота ва «вар» макони зист аст. Ин ном дар адабиёти географии замони Сомониён ёд мешавад, ки яке аз шаҳрҳои замони Сомониён дар водии Вахш буд. Маркази рустои Дӯстӣ шаҳраки Чилкӯл номида шавад. Номи Чилкӯл дар асоси кӯлҳои Бешаи палангон пайдо шудааст ва баъдан номи Чилкӯлро ба Ҷиликӯл табдил додаанд.

Рустои Ҷайҳун марказаш шаҳри Қумсангир аст. Вожаи Қумсангир тоҷикӣ буда, аз калимаи кӯҳу санг маншаъ мегирад.

Маркази рустои Панҷ шаҳри Саройкамар номида шавад. Саройкамар дар навиштаҳои Алии Яздӣ (асри XIV) бо номи Солисарой ёд мешавад, ки баъдан номи Саройкамарро мегирад.

Маркази рустои Қубодиён шаҳри Тахти Қубод ва маркази рустои Тӯс - Шаҳритус номида шаванд. Асосгузори давлати Каёниён Кайқубод аз ҳамин сарзамин буд ва Тӯс паҳлавони номдори он ҷост.

Маркази рустои Носири Хусрав шаҳраки Панҷканд номида шавад. Он мавзеъ дар сарчашмаҳо бо ду ном: Буроб (Чилучорчашма) ва Панҷканд ёд мешавад. Маънои Панҷканд панҷ хона, панҷ деҳа аст. Муғулнажодон Панҷкандро Бешкент карда буданд ва бекигарии он бо ин ном то асри XX вуҷуд дошт.

Маркази Ваҳдат шаҳри Навбозор аст. Навбозор дар сарчашмаҳо, аз ҷумла «Таърихи Ҳумоюн» ёд мешавад. Дар Навбозор заробхона буд ва бо номи Навбозор сикка бароварда мешуд. Дар натиҷаи нуфузи муғулнажодон номи Навбозор ба Янгибозор табдил шуд.

Маркази Файзобод шаҳри Вашгирд аст. Дар «Шоҳнома» Вашгирд бо номи Висагирд ёд мешавад. Маънои Вашгирд замини васеъ аст.

Маркази Нуробод шаҳри Дарбанд, маркази Рашт шаҳри Ғарм номида шаванд. Дарбанд ва Ғурканд дар сарчашмаҳои географии замони Сомониён ёд мешаванд. Маънои Ғурканд кӯҳшаҳр аст ва Ғарм низ ҳамин маъноро дорад.

Рустои Тоҷикобод марказаш шаҳри Лабиоб ( Қалъаи Лабиоб) аст. Қалъаи Лабиоб дар «Таърихи Ҳумоюн» ёд мешавад. Рустои Лахш марказаш шаҳри Зинкӯҳ (Зинкӯҳ маънои зери кӯҳро дорад), номи қадими Ҷиргатол мебошад.

Номи қадимии ноҳияи Сангвор Вахё аст ва аз номи рӯди Вахш Ваҳвӣ-Нек реша мегирад. Сангвор номи деҳа мебошад ва дар замони шуравӣ ноҳияи Сангвор ташкил шуда, марказаш Лайрун буд. Дар Лайрун харобаи қалъаи қадим вуҷуд дошт, ки имрӯз ба замини кишт табдил шудааст ва он маркази қадими Вахё буд. Бахши поёни ноҳия Хулоз ном дошт ва марказаш Чилдара буд. Хуб мешуд, агар русто Вахё ва марказаш шаҳри Тавилдара (дурусташ Тайдара - поёни дара мебошад) номида шавад.

Маркази Дарвоз шаҳри Карон, маркази Ванҷ шаҳри Рохарв номгузорӣ шаванд. Вожаи «карон» аз калимаи «корона»-и ҳиндуаврупоӣ - тоҷ реша мегирад ва «корона»-и русӣ низ ҳамин маъноро дорад. Вожаҳои Ванҷ маънои баландҷой ва Рохарв роҳи обро ифода менамоянд. Маркази Рӯшон шаҳри Вомар, маркази Шуғнон шаҳри Хоруғ номида шаванд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ низ Рохарв маркази Ванҷ, Вомар маркази Рӯшон ва Хоруғ маркази Шуғнон мебошанд. Шоҳи Дарвоз дар ибтидои асри XV11 аз Карон ба Қалъаихумб мекӯчад ва он ҷо марказ мешавад.

Дар гузашта маркази ноҳияи Шоҳдара Роштқалъа номида мешуд. Маънои Рошт ва Рашт сурх аст. Ишкошим маркази шаҳраки Намадгуд номида шавад, зеро Намадгуд ҳама вақт маркази Ишкошим буд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

---

### Аз фаъолияти парламентҳои ҷаҳон

## МАОШИ ВАКИЛОН ДУ БАРОБАР ЗИЁД МЕГАРДАД



**Парламенти Гурҷистон дастури нави музди меҳнати вакилони даъвати навро тасдиқ кард. Тибқи он, акнун вакилони одӣ ба ҷои 4624 ларӣ (1,7 ҳазор доллар) то 8250 ларӣ (3 ҳазор доллар) маош мегиранд. Маоши муовини раиси кумита - 8500 ларӣ (3,1 ҳазор доллар), муовини якуми раиси кумита 8750 ларӣ (3,2 ҳазор доллар), раиси кумита ва раисони фраксияҳо то 9000 ларӣ (беш аз 3,3 ҳазор доллар)-ро ташкил медиҳад.**

Интихоботи нави парламентӣ дар Гурҷистон тирамоҳи соли ҷорӣ баргузор мегардад ва тағйирот ба маоши вакилон аз 1 январи соли 2025 ҷорӣ хоҳад шуд.

**Известия, ТАСС**

## ОМӮЗГОРОН АЗ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ ОЗОД МЕШАВАНД...



**Вакилони ҳизби «Справедливая Россия - За правду» ба баррасии Думаи давлатӣ лоиҳаи қонунеро пешниҳод карданд, ки омӯзгорони мактабҳо, кормандони тиббии деҳот ва шаҳрҳои хурдро аз хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи ин кишварҳо озод менамояд. Муаллифони ин санади нав зарурати тадбири мазкурро дар он медонанд, ки дар деҳот ва шаҳракҳои кишвар омӯзгорон ва табибон намерасанд.**

Айни ҳол тибқи қонунгузорӣ дар маъракаи даъват ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ вазъи саломатии шаҳрвандони бемор ва ҳолати иҷтимоию оилавии онҳо ба назар гирифта мешавад.

**ТАСС**

## ИНТИХОБОТИ ПАРЛАМЕНТӢ ДАР БЕЛАРУС



**Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко дар бораи таъйини интихоботи вакилон ва аъзои Шурои ҷумҳурӣ фармон баровард.**

Тавре дар ин бора хабаргузории «Белта» иттилоъ медиҳад, интихобот дар палатаи поёнии парламенти мамлакат 25-уми феврал ва палатаи болоӣ 4-уми апрел баргузор мегардад. Пешниҳоди номзадҳо ба аъзои Шуро, вакилони маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ даҳаи сеюми моҳи март оғоз меёад.

**Известия.Ру**

## «ҲИЗБИ ПИВА» НОМЗАДҲОЯШРО БА ПАРЛАМЕНТ ПЕШНИҲОД МЕКУНАД




**Дар Шветсия бо номи «Ҳизби пива» ҳизби сиёсӣ фаъолият мекунад. Аъзои ин ҳизб мақсад доранд дар маъракаи интихоботии парламентӣ, ки соли ҷорӣ доир мегардад, иштирок намоянд. Интихоботи навбатӣ ба Шурои миллии мамлакат баҳори имсол дар назар дошта шудааст.**

- Ҳизби мо 1300 нафар аъзо дорад. Мо фаъолияти худро ба самтҳои ҷавонон, вазъи экологӣ ва системаи маориф равона кардаем. Дар сурати ворид шудани намояндагонамон ба парламент, пеш аз ҳама, барои ҳалли проблемаҳои мазкур саъю талош мекунем, - изҳор доштааст раиси ҳизб Доминик Власни зимни суҳбати телевизионӣ.

**Известия. Ру**

## ПАРЛАМЕНТ ХАБАРНИГОРОНРО ҲАВАСМАНД КАРД



**Раиси Шурои Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко ба як гурӯҳ журналистон барои инъикоси фаъолияти парламент мукофот супурд. Ҳар сол таҳти унвони «Шурои Федератсия - палатаи минтақаҳо» озмун эълон гардида, дар арафаи Рӯзи матбуоти Россия ҷамъбаст ва ғолибон ҳавасманд карда мешаванд. Соли сипаришуда ба ин озмун аз 48 минтақаи мамлакат беш аз 250 мавод ворид гардид.**

Зимни мукофотсупорӣ Валентина Матвиенко ғолибонро муборакбод гуфта, таъкид кард, ки бо анҷоми рисолати муҳими хеш журналистон дар тарғиби сиёсати Россия ва муқовимат бо тарғиби ғаразноки матбуоти Ғарб нисбати кишвар саҳми бориз мегузоранд.

Ҳамзамон, раиси Думаи давлатии Федератсияи Россия Вячеслав Володин низ журналистонро бо иди касбиашон табрик ва ба як қатор намояндагони воситаҳои ахбори омма туҳфа тақдим кард.

**Известия. Ру, Парламентская газета**

**Таҳияи К. БУРҲОНИДДИН, «Садои мардум»**

# РӮДИ ДУШАНБЕ БОИСИ ИФТИХОР БОШАД

Шодравон Лоиқ Шералӣ навишта ва Хурмо Ширинова суруда буд:

**Дарё! Дарё!..**
**Бехуд равонӣ, дарё,**
**Пирӣ чу дунё...**

Оре, аксар дарёҳо чу дунё пиранду рӯди Душанбе пиртар аст аз ин зебошаҳр, ки дар соҳилҳои он доман густурдааст.

Замоне мардуми русзабон бо муҳаббат ин рӯдро «Душанбинка» - «духтар» ё «бонуи Душанбе» ном мебурданд. Тибқи нақшаи сталинии ободонии шаҳр, рӯд соҳилбандӣ гардида, барои рӯдро ба қисматҳо ҷудо намудан бо хиштҳои бетонӣ монеаҳо эҷод намуда буданд.

Рустами Эмомалӣ теъдоди биноҳои пурнақшу нигори осмонбӯс афзуда, боғҳо ва гулгаштҳои нав арзи ҳастӣ намуданд. Дар канори рости рӯд роҳи нақлиёт таҷдид гардид ва ба дарозои соҳил роҳи пиёдагард бунёд ёфта, гулу бутта ва ниҳолҳои зебо шинонда шуданд. Атрофи рӯд зебою дилпазир аст, вале ба дохили рӯд менигарему боз ҳамон мисраи шодравон Мирзо Турсунзода ба хотир мерасад: «Рӯди ман, олам дигар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон...».

Пас аз чанд рӯзи чопи мақолаи зикршуда дар канори пули хиёбони Саъдӣ Шерозӣ, қисмати ноҳияи Сино чанд экскаватор пайдо гардида, дарахтони дарёро решакан ва сангҳои қаъри дарёро ҳамвор намуданд. Аммо имрӯз дар ин қисмат ниҳолҳои нав қад мекашанд ...



Чанд сол қабл рӯзномаи «Садои мардум» (№96(3733)) зери унвони «Рӯди ман, олам дигар шуд...» матлабе нашр намуда буд. Матлаб чунин оғоз меёфт: «Беш аз 20 сол мешавад, ки рӯзе чанд маротиба аз тирезаи дафтари корӣ ҷониби рӯди Душанбе дида дӯхта, аз дил мегузаронам: Оё замоне фаро мерасида бошад, ки нигоҳи мо ба сангҳои хушку тираранг ва алафҳои хушкидаи он барнахӯрда, нороҳатамон насозад?!».

Пас аз чопи матлаб аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷавоб расид. Таъкид гардида буд, ки масъалаи ободонии рӯд дар мадди назари масъулин қарор дорад ва дарояндаи наздик дигаргуниҳоро интизор бояд шуд. Аз он айём қариб ҳафт сол сипарӣ гардид ва дарвоқеъ, дар ин муддат дар пойтахт ва соҳилҳои Душанберӯд дигаргуниҳои фараҳбахши зиёд ба амал омаданд. Бо ҷаҳду талоши Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам

Дар фасли гармо дар баъзе ҷойҳо гурӯҳҳои хурди кӯдаконро дучор омадан мумкин аст, ки машғули оббозианд. Сокинони пойтахт ва меҳмонон бепарвоёна дар соҳилҳои рӯд рафтуомад доранд. Дар соҳил курсие нест, ки даме нишинед ва дар дохили рӯд манзарае нест, ки тамошо кунед. Ҳол он ки тамошои мавҷҳои рӯд ва шунидани садои он давою дармони хуб аст барои пиронсолон ва беморон.

Бидуни шак, ободонии рӯди Душанбе омодагии ҷиддӣ ва маблағи зиёдро тақозо дорад. Итминон дорем, ин мушкилиро бо дастгирии соҳибкорони ватанӣ метавон ба осонӣ бартараф намуд. Кофист, ки қисматҳои рӯд бо шарти пешакӣ обод намудан ба мӯҳлати муайян барои истифода ва баҳрабардорӣ ба соҳибкорон тақсим карда шавад.

Дар марҳилаи ободонии ин қисматҳо соҳибкорон метавонанд аз фурӯши сангу шағал ва реги қаъри дарё манфиат ба даст оранд. Пас аз бунёди садду дарвоза ва баландшавии сатҳи об моҳипарвариро низ ба роҳ мондан мумкин аст.

Суханони меъмори тоҷик, сокини шаҳри Сочии Федератсияи Россия Назирҷон Тоҳирҷонов ба хотир меояд, ки гуфта буд: «Сайёҳон ба манотиқи иқлимаш гарм асосан барои ду чиз меоянд: офтоб ва об. Сочи дар замони шӯравӣ ва имрӯз ҳам бо обу офтоби худ сайёҳонро ҷалб менамуду менамояд. Ҳоло он ба шаҳри сайёҳии дараҷаи олӣ табдил ёфтааст. Дар кишвари мо низ ин ду неъмат арзонист. Соҳибкорон бояд аз ин неъматҳо беҳтару хубтар истифода намоянд. Агар дар даруни дарё ду-се соябон гузореду шароити одитаринро барои истироҳати мардум муҳайё созед, дар фасли гармо фавҷ-фавҷ одамон ҷониби дарё равон мешаванд».

Барои бастани пеши об ва бунёди дарвозаҳо хиштҳои бетонии қаъри дарё, ки солҳои шӯравӣ гузошта шудаанд, метавонанд ёрӣ расонанд. Дар шароити кунунии камшавии оби дарёҳо дар кишвар ва ҷаҳон ин тадбир манфиатовар хоҳад буд, зеро дар натиҷаи лоақал ба як метр баланд намудани сатҳи об ҳазорҳо метри кубӣ об захира мегардад, ки онро ҳам барои обёрии боғу гулгаштҳо ва ҳам эҳтиёҷоти дигари сокинони пойтахт истифода бурдан мумкин аст.

Чун дар бештари қисматҳои соҳил аллакай роҳҳо бунёд гардида, имкони бунёди ҳеҷ гуна иншооте мавҷуд нест, қисматҳои боқимонда, хусусан соҳили чапи рӯдро – аз пули хиёбони Саъдӣ Шерозӣ то қисмати ба рӯди Кофарниҳон пайвастаи он, ки ҳанӯз имкони бунёди иншооти истироҳату фароғат вуҷуд дорад, аз даст додан лозим нест. Хуб мешуд, дар ин минтақа инфрасохтори сайёҳӣ бунёд мегардид.

Ободии рӯди Душанбе ободии пойтахт аст ва ҳар сокини шаҳр мехоҳад ва ҳуқуқ дорад, бо ин рӯд ифтихор дошта бошад. Меандешем, ки бо чунин сарвари дилсӯзу ғамхори пойтахт, мисли муҳтарам Рустами Эмомалӣ ин рӯз дур нахоҳад буд.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

Дар робита ба иқдомҳои Президент



# БИЁ, ТО ҶАҲОНРО БА БАД НАСПАРЕМ

**Абулқосим Фирдавсӣ бузургтарин чеҳра дар адабиёти классикии тоҷику форс буда, бо ҷустуҷӯи доманадор, ғурури баланди худшиносӣ ва талошу ҷоннисориҳо тавонист, ки миллати соҳибфарҳангу соҳибтамаддуни хешро ба ҷаҳониён муаррифӣ созад. «Шоҳнома»-и ӯ осори гаронбаҳои фарҳангиест, ки дар канори ишқу ихлос ва андешаи мардум аз оташи ҳаводиси бедодиҳои рӯзгор гузашта, то замони мо бо ҳамон шаҳомату нафосати болиғ расидааст. Насими форами истиқлоли давлатӣ чангҳоро аз рӯи саҳифаҳои ин шоҳасар тоза карда, ба ранҷҳои кашидаи сисолаи Фирдавсӣ арҷгузорӣ намуд ва бунёди Боғи Фирдавсӣ, гузоштани пайкараи шоир дар яке аз гӯшаҳои хушманзараи шаҳри Душанбе аз он шаҳодат медиҳанд.**

Боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон бахшида ба 115-солагии аллома Бобоҷон Ғафуров дастур доданд, ки ба хотири огоҳии ҳар чӣ бештари мардум аз таъриху фарҳанг ва тамаддуни аҷдодони хеш «Шоҳнома»-и безавол чоп ва ройгон ба хонадони ҳар як сокини кишвар дастрас шавад. Омили мазкур гувоҳи он аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста кӯшиш менамоянд халқро бо фарҳангу маданият ва асли қарин шинос намоянд, то дар ин замина ифтихору ҳувияти миллӣ густариш ёфта, пояҳои давлатдории миллӣ мустаҳкам гардад.

«Шоҳнома» дар ҳама кишварҳо мухлисони зиёде дошта, достонҳои ҷудогонаи он тавассути донишмандон ба забони халқҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума гардидааст. «Шоҳнома» ба қалби ҳар як тоҷик ва форсизабонони ҷаҳон ошност, зеро ҳама достонҳои онро аз овони кӯдакӣ аз забони модару модаркалон ва падару бобоҳоямон борҳо шунидаем.

Илова бар ин, дар ҳама гӯшавуканори ҷумҳурӣ ва маҳалҳои тоҷикнишини кишварҳои ҳамҷавор маҳфилҳои «шоҳномахонӣ» ҳам ба назм ва ҳам ба наср дар тӯли қарнҳо маъмул буда, лаҳзаҳои ҷудогонаи қисса бо саҳнаҳои махсуси ҳунарӣ намоиш дода мешаванд. «Шоҳнома» аз назари ҳунари суханварӣ, шеърият, луғат, фасоҳат, балоғат, мазмуну мундариҷа, ҳамчунин, аз лиҳози ҳаҷм як асари беҳамто аст. Пухтаю суфтабаёнӣ, устуворӣ ва зебоии сухани Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» шаҳодат аз он медиҳад, ки ӯ пеш аз эҷоди ин асари бузург дар шоирӣ табъозмоиҳо кардаю варзидагии бисёр доштааст, ки Амираки Мансур ба ин маънӣ фармудаанд:

**Гушода забону ҷавонит ҳаст,**
**Сухан гуфтани паҳлавонит ҳаст.**

«Шоҳнома» асари таърихӣ, фалсафӣ, худшиносӣ, ҷавонмардӣ ва меҳанпарастист ва саршори васфи маърифату хирад ва нексириштию некбинӣ буда, дар он маҳаки асосии зиндагӣ аз ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва мардиву некӣ дониста шудааст:

**Чу некӣ кунад кас, ту подош кун,**
**В-агар бад кунад, низ пархош кун.**

Шоир ба инсонҳо панд медиҳад, ки дар зиндагӣ ҳамеша накукор бошанд ва ба бадиҳо низ бо амали неки худ ҷавоб диҳанд.

**Набошад ҳаме неку бад пойдор,**
**Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад пойдор.**

Васфи маърифату хирад, илму дониш дар «Шоҳнома» мавқеи хоса дошта, шоир инсонҳоро ба ростию растагорӣ ҳидоят менамояд:

**Хирадманд бошу беозор бош,**
**Ҳамеша забонро нигаҳдон бош.**

Ё ин ки:

**Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,**
**Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.**

Хулоса, Абулқосим Фирдавсӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс яке аз пайғамбарони шеър эътироф шуда, «Шоҳнома»-и безаволи ӯ шуҳрату моҳияти ҷаҳонӣ дорад.

**Ҳалим БАДАЛОВ,**
**корманди ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ФОРСӢ БА ФЕҲРИСТИ ЗАБОНҲОИ КЛАССИКИИ ҲИНДУСТОН ШОМИЛ ШУД

**Тибқи иттилои рӯзномаи «Tehran Times», чанде пеш ҳукумати Ҳиндустон забони форсиро дар доираи сиёсати нав оид ба маориф ба Феҳристи забонҳои классикии Ҳиндустон шомил намуд.**

Дар Ҷумҳурии Ҳиндустон то ин дам забонҳои тамилӣ, санскрит, каннада, телегу, малаялам ва ория ба Феҳристи забонҳои классикӣ шомил будаанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки то истилои Ҳиндустон аз ҷониби Британияи Кабир забони форсӣ тӯли қариб 8 аср дар ин сарзамин забони расмӣ маҳсуб меёфт. Яъне, дар Ҳиндустон, ки сокинонаш гуногунзабонанд, форсӣ ба ҳайси забони гуфтугӯи байни миллатҳо хидмат мекард. Форсӣ на танҳо забони аҳли дарбор, балки забони адабиёт, сиёсат, маориф ва мақоми иҷтимоӣ дар нимҷазираи Ҳинд (ҳудуди ҳозираи Ҳиндустон, Покистон ва Бангладеш) маҳсуб меёфт.

Бо таъсири забони форсӣ дар ин сарзамини сермиллат забони нав - урду эҷод шуд. Дар давоми асрҳо вожаҳои зиёди форсӣ ба забонҳои панҷобӣ, синдҳӣ, банголӣ, гуҷаратӣ ва кашмирӣ гузашта, ин забонҳоро ғанӣ гардонд, ки имрӯз бо ҳар кадоми ин забонҳо миллионҳо нафар гуфтугӯ мекунанд.

Забони форсӣ дар нимҷазираи Ҳинд аз асри XI сар карда паҳн гардид.

Шоҳ Ҳумоюн дар асри XVI форсизабонони зиёдеро ба дарбор ҷалб намуд. Дар замони ҳукмронии вориси ӯ – Шоҳ Акбар адибони зиёд аз Эрону Афғонистону Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон ҳиҷрат намуданд. Дар мадрасаҳо барои омӯзиши



забони форсӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Тавассути сӯфиҳо забони форсӣ на танҳо дар шаҳрҳо, балки дар деҳоти Ҳиндустон низ паҳн гардид. Муҳаммад Соиби Табрезӣ, ки дар давраи Шоҳиҷаҳон ба Ҳиндустон омада буд, чунин навиштааст:

**Нест дар Эронзамин сомони**
**таҳсили камол,**
**То наёмад сӯи Ҳиндустон ҳино,**
**рангин нашуд.**

Забони ширини форсӣ то дараҷае дар Ҳиндустони Шимолӣ маъруфият пайдо кард, ки дар асри XVIII, ба гуфтаи муҳаққиқ Музаффар Алам, қариб мақоми забони якумро гирифта буд.

Вақте мустамликадорони англис дар асри XVIII аз қисмати ҷанубии нимҷазира хоки Ҳиндустонро давра ба давра забт кардан гирифтанд, дар мавзеъҳои зери нуфузи худ мавқеи забони форсиро оҳиста-оҳиста танг намуда, англисиро ҷойгузини он гардонданд. Бо вуҷуди ин муддати зиёд забони форсӣ дар соҳаҳои маориф, адабиёт, мақомоти судӣ ва мавзеъҳои ҳукмронии ҳокимони мусулмон истифода мешуд. Ҳатто мансабдорону коргузорони англис, ки ба Ҳиндустон меомаданд, дар коллеҷҳои таъсисдодаи ширкати «Ост-Индия» забони форсӣ меомӯхтанд. Дар бисёр маврид англисҳо ба дараҷаи профессори забони форсӣ расида, мавқеи устодони ҳиндустониро танг мекарданд.

Мутаассифона, соли 1830 ширкати «Ост-Индия» забони форсиро бо баҳонаи «монеа барои идоракунии самаранок» аз мақоми расмӣ ва соли 1837 дар тамоми қаламрави Ҳиндустон аз мақоми расмият маҳрум намуд.

Новобаста аз ин, забони форсӣ миёни аҳли илму адаб нуфузи худро нигоҳ дошта буд. Мирзо Асаддулоҳи Ғолиб, ки дар чунин давраи барои забони форсӣ душвор зиндагӣ мекард, ба форсӣ асарҳои ҷолиб эҷод намудааст. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ бошад, бо осори пурғановаташ забони форсиро дубора дар нимҷазираи Ҳинд зинда намуда, чунин таъкид кард:

**Гарчи ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,**
**Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.**

Минтақае, ки аз ҳама охир дар он мақоми расмии форсиро англисӣ ишғол кард, Панҷоб мебошад. Дар он ҷо то соли 1890 мактабҳо бо забони форсӣ амал мекарданд. Соли 1849 бошад, англисҳо дар Кашмире, ки онро «Эрони Сағир (хурд)» меномиданд, ба ҷои ҳокими мусулмон сикҳтаборе аз сулолаи Доrграро ҳоким монданд. Дар натиҷа, аз соли 1889 ба ҷои форсӣ дар ин водии хушманзара забони урду мақоми расмӣ гирифт.

Дар иёлати Ҳайдаробод бошад, то соли 1884 забони форсӣ мақоми расмӣ дошт.

То асри XIX дар Ҳиндустон теъдоди асарҳои эҷодшуда ба забони форсӣ нисбат ба Эрон зиёд шуд. Нахустин рӯзнома ба забони форсӣ бо номи «Ахбор» соли 1798 маҳз дар Ҳиндустон чоп шудааст. Сипас, рӯзномаҳои «Миръот-ул-ахбор» (1822) ва «Ҳабл-ул-матин» (1893) низ дар Ҳиндустон ба забони форсӣ ба фаъолият оғоз карданд.

Имрӯз низ дар Ҳиндустон забони форсӣ мавқеи шоиста дошта, Радиои Ҳиндустон ба забони форсӣ барнома таҳия мекунад. Дар Донишгоҳи Кашмир (Сринагар) аз соли 1969 маҷаллаи «Дониш» ба забони форсӣ нашр мешавад. Инчунин, дар як қатор коллеҷу донишгоҳҳои Ҳиндустон донишҷӯён дар курсҳои махсус забони форсӣ меомӯзанд.

Мавриди зикр аст, ки дар бинои парлумони Ҳиндустон («Сансад Бҳаван») шоҳбайти зерини Ҳофизи Шерозӣ дар забони асл хаттотӣ шудааст:

**Дар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,**
**Ки ҷуз накуии аҳли карам нахоҳад монд.**

Дар бинои қонунгузории Ҳиндустон ҷой додани шоҳбайти тоҷикӣ-форсӣ ва ба Феҳристи забонҳои классикии Ҳиндустон шомил намудани забони форсӣ аз арҷгузорӣ нисбат ба ин забон дар кишвари ба мо дӯсти Ҳиндустон гувоҳӣ медиҳад.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

Ҷашни меҳру фаровонӣ

# ЗИ ҲУШАНГ МОНД ИН САДА ЁДГОР

**Имсол Тоҷикистон ҷашни Садаро, ки ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардид, дар сатҳи ҷаҳонӣ таҷлил менамояд.**

Дар аввалҳои моҳи декабри соли гузашта, дар шаҳри Касани Ҷумҳурии Ботсвана ҷаласаи 18-уми Кумитаи байнидавлатӣ доир ба ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО доир гардид. Дар ин ҷаласа номинаи муштараки Тоҷикистон ва Эрон - «Ҷашни Сада» ва номинаи Тоҷикистон, Эрон, Ӯзбекистон ва Туркия - «Таҳзиб-санъати зарҳалкорӣ» ба Феҳристи мероси моддӣ ва ғайримоддии башарият ворид карда шуданд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ эҳёи ҷашну маросими бостонии ориёӣ ва оммавӣ намудани онҳо, бахусус ҷаҳонӣ шудани ҷашни Сада, паёме барои насли ояндаи мост. Барои мардуми тоҷик Истиқлолияти давлатӣ имкон фароҳам овард, ки анъанаҳои фарҳангӣ ва ҷашнҳои миллии худро мутобиқ ба шароити замон таҷлил намоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҷашни Сада фармудаанд: «Сада моҳиятан ҷашни кишоварзон буда, ба марди деҳқон аз наздик шудани фасли баҳору оғози корҳои саҳро хабар медиҳад ва аҳли заҳматро ба андешаи давраи нави кишоварзӣ ва боғдорӣ ҳидоят менамояд. Марди кишоварз бо нияти нек ба фасли баҳор тайёрӣ мебинад ва тибқи таомули аҷдодӣ, хокистари гулхани ҷашни Садаро бо умеди ҳосили фаровон ба замин мепошад».

Дар кишвари мо соли ҳафтум аст, ки Сада ҷашн гирифта мешавад ва кишоварзон ин идро рамзи хуррамию ободонӣ медонанд.

Тибқи тақвимҳо Сада ба анҷоми чиллаи калон рост меояд. Чун сардии фасли сол ба поён мерасад, мардум дастҷамъона шодию хурсандӣ карда, якдигарро бо фарорасии ин ҷашн табрик мекарданд ва ба мисли дигар ҷашнҳои бостонӣ суфраи зебои идона ороста, орзу мекарданд, ки ба сарзаминашон фасли бобаракату фаровонӣ қадам гузорад.

Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» пайдоиши ҷашни Садаро ба давраи подшоҳи дуюми пешдодӣ Ҳушанг нисбат медиҳад. Мувофиқи нигориши шоир Ҳушанг ба мардум тарзи афрӯхтани оташро омӯзонд ва ҷашни Садаро бунёд гузошт.

Қобили ёдоварист, ки Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон ҷашнҳои қадимии аҷдоди ориёии мо буда, то ҳол баъзе аз маросиму оинҳои онҳо маҳфуз мондаанд. Пажӯҳишгарон таъкид кардаанд, ки ин чор ҷашни бостонӣ ҷашни кайҳонӣ ё нуҷумианд ва робитаи инсон бо табиатро инъикос намуда, беҳтарин ғояҳои инсонӣ моҳият ва муҳтавои онҳо мебошанд.

Бо вуҷуди ҳикмату фалсафаи қадимаи худ Сада бар асари омилҳои гуногун тайи садсолаҳои зиёд камранг ва ҳатто фаромӯш шуда, танҳо ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ мақоми ҷашни миллии расмиро соҳиб гардид. Ин ҷашн ҳамасола рӯзи 10-уми моҳи баҳмани солшумории шамсӣ таҷлил мегардад, ки ба 30-юми январи солшумории мелодӣ мутобиқ аст.

Ҳарчанд дар Тоҷикистон дар қарни гузашта ин ид ба таври расмӣ ҷашн гирифта намешуд, лекин бузургсолон аз фаро расидани чиллаи калон ва пас аз сипарӣ шудани 40 шабонарӯз ва оғози чиллаи хурд, яъне аз фаро расидани Сада ёдовар мешуданд.

Дар бораи вожаи Сада шарҳу тавзеҳҳо зиёданд, аммо он аслан аз шумораи сад гирифта шуда, аз 10-уми моҳи баҳман то омадани ҷашни Наврӯз 50 шабу 50 рӯзро фаро мегирад. Ба қавли Абурайҳони Берунӣ, аҷдоди барӯманди мо шабу рӯзро алоҳида ҳисоб мекарданд ва он дар якҷоягӣ то расидани Наврӯз 100 шабу рӯзро дар бар мегирифт.

Пазироии ҷашни Сада аз ҷониби Ҳушангро Фирдавсӣ чунин тасвир намудааст:

**Шаб омад, барафрӯхт оташ ба кӯҳ,**
**Ҳамон шоҳу дар гирди шоҳ он гурӯҳ.**
**Яке ҷашн кард он шабу бода х(в)ард,**
**Сада номи он ҷашни фархунда кард.**
**Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,**
**Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр.**

Абурайҳони Берунӣ дар «Китоб-ут-тафҳим» ҷашни Садаро рамзи пирӯзии Фаридун бар Заҳҳок шумурда, фаро расии адолату осоишро дар мамлакат ба оташафрӯзии оини Сада нисбат медиҳад. Ҳамин тариқ, пазироии ҷашни Садаро ба шоҳони пешдодӣ Ҳушангу Фаридун нисбат дода, онро бо афрӯхтани гулхан ва дар атрофи он рақсу бозӣ намудан пешвоз мегирифтанд.



Имрӯз низ ба мисли гузаштагонамон деҳқонон якчанд рӯз пеш ба ин ҷашн омодагӣ мегиранд. Ҳезум ҷамъ карда, гулхан меафрӯзанд, дар ғуруби Офтоб ҳазорҳо нафар гирди ҳам омада, бо шодмонӣ сайругашти оммавӣ барпо менамоянд. Дар гузаштаҳо фардои рӯзи Сада деҳқонон хокистари гулханро чун рамзи баракату фаровонии ҳосил ба заминҳояшон мепошиданд. Ин амал маънои поён ёфтани зимистон ва оғози фасли баҳорро дошт.

Ҳамасола кишоварзон дар рӯзҳои баргузории ин ҷашн намоиши ниҳолҳо, меваҷоту сабзаҷот, навъҳои гуногуни таомҳои миллӣ ва таҷҳизоту техникаи кишоварзиро роҳандозӣ намуда, маҳсули заҳмати худро ба тамошо мегузоранд.

Дарвоқеъ, ҷашни Сада таҷассуми ғояҳои неки башардӯстона аст ва мардумро ба дӯстию бародарӣ ва заҳмату ободкорӣ даъват менамояд.

**Сада ҷашни мулуки номдор аст,**
**Зи Афредуну аз Ҷам ёдгор аст.**

**Майрамбӣ ЗОКИРОВА,**
**ходими калони илмии шуъбаи иттилоот, машварат ва татбиқи дастовардҳои илмии Институти хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ**

(Идома аз саҳ. 2)

# ИСТИҚЛОЛИЯТ МАРКАЗИ НОҲИЯҲОРО БА ШАҲР ТАБДИЛ ДОД

## МЕСАЗАД, КИ НОМИ ТАЪРИХИАШОНРО БАРГАРДОНЕМ

Маркази рустои Муъминобод шаҳри Чорсӯ ном гирад. Чорсӯ номи қадими Муъминобод аст ва дар сарчашмаҳо бо ин ном ёд мешавад. Маркази рустои Шамсиддин Шоҳин шаҳри Тирай аст. Маънои Тирай баландӣ буда, номи қадимии ин диёр мебошад.

Маркази Ҳамадонӣ шаҳри Андичароғ ном гирад. Андичароғ номи қадимии ин диёр аст, ки дар сарчашмаҳои замони Сомониён ёд мешавад ва харобаи он дар назди деҳаи Сайёд аст ва аз ҷониби бостоншиносон ҳафриёт шудааст.

Маркази Фархор шаҳри Сакаспа номида шавад. Номи Сакаспа бо андак тағйир дар шакли Саксанохӯр боқӣ монда, харобаи он ҳафриёт шудааст. Сакаспа номи қадимии маркази Фархор аст ва дар сарчашмаҳои юнонӣ бо ин ном ёд мешавад. Панҷ ҳазор сол пеш Фархор дар болои Уртабуз ҷой дошт. Вожаи «ур» баландӣ ва кушодро ифода мекунад, яъне баландии кушод. Маънои Уротеппа теппаи баланд аст, Урметан ватани баланд ва Урғут кӯҳи баланд аст. Вожаи Фархор шакли дигаршудаи Парғар аст. Дар сарчашмаҳо бо номи Парғар ёд мешавад, яъне доман ё паҳлуи кӯҳро ифода мекунад.

То асри V мелод номи Кӯлоб Аспиён ва марказаш шаҳри Давонаспа ном дошт ва ин ном ба хотири ватани аспони зоти тоҷикӣ, аспони «бодпо», «осмонӣ» буданаш пайдо шудааст. Вақте ин мулк аз ҷониби қабилаҳои ҳиёнӣ - ҳайтолиён гирифта мешавад, номи Аспиён ба Ҳайтолиён бадал мегардад ва ниҳоят ба Хатлон иваз мешавад. Дар ноҳияи Восеъ кӯле бо номи Қайнар ҳаст, ки номи тоҷикии он Нозкӯл аст. Дар он ҷо харобаҳои шаҳри қадиме вуҷуд дорад, ки шояд шаҳри Давонаспа бошад.

Маркази Восеъро шаҳри Ҳулбук ном гузоштаанд. Хуб мешуд, номи Ҳулбук дар ҷойи азалияш мемонд ва маркази Восеъ номи Давонаспаро мегирифт.

Бояд маркази Данғара шаҳри Кӯлак номида шавад. Мавлоно Тоҷиддинро бо номи Тоҷиддини Кӯлакӣ дар сарчашмаҳо зикр намудаанд, ки ба харобаи Золи Зарди дар Корезҳо буда рост меояд. Дар гузашта Золи Зард маркази динии зардуштӣ - маъбади Об буд. Данғара дар асрҳои XV-XIX майдони беш аз 60 га заминро ишғол менамуд ва кӯлҳои зиёд дошт. Он яке аз марказҳои фарҳангии Хатлон шуморида мешуд, номи ноҳия Дашти Кӯлак буд. Ба хотири номи таърихӣ - Кӯлакро нигоҳ доштан марказро шаҳри Кӯлак номидан равост.

Рустои Темурмалик марказаш шаҳраки Селакон номида шавад. Номи Селакон дар сарчашмаҳои асрҳои X-XI ёд мешавад ва мо медонем, ки дар баҳорон дар ин мавзеъ сел зиёд меомад ва номи мазкур бо ҳамин сабаб гузошта шудааст. Дар асри XIX ноҳия номи Қизилмазорро мегирад ва ҳоло номи қаҳрамони халқи тоҷик - Темурмаликро соҳиб шудааст.

Рустои Балҷувон марказаш шаҳри Аспиён номида шавад. Дар Балҷувон ду мавзеъ аст бо номи Аспиёни Боло ва Аспиёни Поён ва маънои Балҷувон мавзеи боло, болоҷойро ифода менамояд. Дар гузашта он ҷо чарогоҳи тобистонаи аспони хатлонӣ буд.

Маркази Ховалинг (Ховолинг) шаҳри Мунк номида шавад. Мунк номи гиёҳи доруворӣ аст ва дар асрҳои IX-XII калонтарин шаҳр дар кишвари Хатлон буд. Маънои Ховолинг аз ду бахш: хово - хоб ва ланд - замин аст, яъне замини хобрафта.

Рустои Айнӣ таърихан Парғар - доманкӯҳ ном дорад ва дар ҳуҷҷатҳои суғдӣ бо ин ном ёд мешавад ва баъд номи Фалғарро мегирад. Мардум аз нофаҳмӣ вожаи Фалғарро дар замони шуравӣ ба Заҳматобод иваз карданд ва имрӯз он номи Айниро гирифтааст. Маркази рустои Айнӣ шаҳри Варзиманор номида шавад. Вожаи Варзиманор маънои манораи баландро дорад.

Рустои Масчо, дурусташ Мадҷо, яъне миёнаҷой мебошад, марказаш шаҳраки Мадрушкат номгузорӣ шавад. Номи Мадрушкат дар ҳуҷҷатҳои суғдӣ ҳамчун маркази русто ёд мешавад. Маркази Масчои нав Дилварзин ном гирад. Номи таърихии Зафаробод Хуватоғ аст, ки ҳоло бо ин ном истироҳатгоҳ вуҷуд дорад. Харобаи шаҳри Хуватоғ бо номи Нуртеппа аз ҷониби бостоншиносони тоҷик ҳафриёт шудааст ва яке аз панҷ шаҳри ба муқобили Искандари Мақдунӣ муборизабурда ёд мешавад. Маънои вожаи Хуватоғ кӯҳи офтобӣ мебошад. Хуб мешуд, агар ин номро маркази русто мегирифт.

Рустои Шаҳристон марказаш шаҳри Бунҷакат номида шавад. Бунҷакат дар асрҳои V-XII маркази Истаравшан буд. Истаравшан номи кишвар аст. Маркази он дар асрҳои IV-III то мелод Бағонкат ном дошт ва дар замони ислом номи Муғтеппаро гирифта, дар асрҳои баъд номи Уротеппаро мегирад. Бағонкат маънои бинои муқаддас, шаҳри муқаддасро дорад ва ин ном дар яке аз маҳаллаҳои шаҳр боқӣ мондааст. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки маркази Истаравшан Бағонкат номида шавад. Вожаи Истаравшан аз ду бахш ист - баланд ва равшан мебошад.

Маркази рустои Деваштич шаҳри Ғончӣ ном гирад. Маънои Ғончӣ кӯҳҷойро ифода менамояд. Маркази рустои Ашт шаҳри Шайдон номида шавад. Ашт аз номи фариштаи рӯзи 26-уми гоҳномаи авестоӣ «Ашто» гирифта шудааст. Ҳарфи «О» афтида Ашт шудааст. Аммо дар талаффузи гӯиши мардуми Ашт истифодаи ҳарфи «О» боқӣ мондааст. Онҳо иборҳои «дурустедо», «хуш омадедо»-ро фаровон истифода мекунанд, ки эҳтиром ба фариштаи ростӣ «Ашто» мебошад. Вожайи шайд ба маънои вожаи арабии шайд: шайтон, фиреб ва макр нест. Вожа ба забони авестоӣ нисбат дошта, аз ду бахш: шай - равшан ва дон - об, яъне маънояш оби равшан, пок мебошад. Ҳамин маънӣ ба номи Шайдони Сари Хосор низ тааллуқ дорад.

Маркази рустои Ҷаббор Расулов шаҳри Лайлак номида шавад. Лайлак номи таърихии ин ноҳия мебошад ва бахши он дар дасти қирғизҳост. Лайлак номи парандаи қосиди баҳор аст.

Маркази рустои Спитамен шаҳри Навкат номида шавад, зеро ин номи қадимии ин ноҳия аст. Маркази Исфара шаҳри Исфара ном дорад, ки дуруст аст. Вожаи Исфара аз ду бахш: ист ба маънои баланд ва фар - рӯшноӣ аст, яъне мамлакати баланди равшанро маънӣ медиҳад.

Номаҳои бетаҳрир

# ҒАРАМИ ПАРТОВ БА КӮҲ ТАБДИЛ МЕЁБАД,

## вале масъулони ноҳияи Файзободро парвое нест

Дар урфият мегӯянд, ки «тозагӣ гарави саломатист», аммо дар ноҳияи Файзобод ба ин шиор бетафовутӣ зоҳир мекунанд.

Ҳамин ки ба маркази ноҳия сафар кардед, ба димоғатон бӯи ғализи партови пӯсида меояд. Дар паси идораҳои раёсати кишоварзӣ, шуъбаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф ғарами ахлотпораҳою партовро мебинед.

Ҳамарӯза аз назди ғарами партов кормандони шуъбаи ҳифзи муҳити зист, идораи санитарию эпидемиологӣ ва хоҷагии коммуналии ноҳия мегузаранд. Магар ба димоғи онҳо бӯи ғализи партовҳои кӯҳмонанд намерасида бошад? Чунин аҳволи тоқатфарсо дар паси бозори «Истиқлолият»-и шаҳраки «30-солагии Истиқлолият» низ мушоҳида мешавад.

Рӯзҳои якшанбе аз гӯшаю канори кишвар савдогарон, тоҷирон ва иҷоракорон маҳсулоташонро вориди бозори «Истиқлолият» мекунанд. Ҳамин ки рӯзи кории бозор ба охир расид, онҳо пасмондаҳои маҳсулоти кишоварзиро дар паси бозор мепартоянд.

Ҳамчунин, партовро дида, гаштугузори сагҳои дайду дар атрофи бозор ва ҳатто назди дӯконҳои хӯрокпазӣ бештар шудааст. Дар ин бора борҳо бонги изтироб зада бошем ҳам, аммо пинаки масъулини таъмини санитарию эпидемиологии ноҳия ва бозор вайрон нашуд.

Ҳамзамон, дар масофаи 500 метр дуртар бозори чорво ҷойгир буда, аз назди он дарёчаи «Ашӯр» мегузарад. Поёнтари дарёча рӯди «Ғозӣ» ба самти шаҳраки Обигарм ҳаракат мекунад. Дар қисмати поёнии бозори чорво низ ғарами ахлоту партовҳо кӯҳ барин хобидааст. Илова бар ин, масъулини ин бозор, соҳибони гову мол ва харидорону савдогарон саргини гову молро ба дарёчаи «Ашӯр» мепартоянд, ки дар натиҷа об ифлос шуда, ба саломатии мардуми поёноб хатар эҷод мекунад. Чунин аҳвол, мутаассифона, моҳҳо боз идома дорад, вале чаро камбудиҳои ҷойдоштаро касе дидан ва рафъ кардан намехоҳад?

**Ҳокими САФАР,**
**ноҳияи Файзобод**

# «ЗОЛ ВА РУДОБА» БА ЭРОН РАФТ

**Ҷиҳати иштирок дар Фестивали байналмилалии 42-юми Фаҷр ҳунармандони Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар намуданд.**

Тавре роҳбари театр Отахон Саидзода иттилоъ дод, онҳо дар ин фестивал бо драмаи Ҷумъа Қудус «Зол ва Рудоба» аз рӯи «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ, ки онро Баҳром Қурбонзода ба саҳна гузоштааст, бори аввал иштирок менамоянд.

Нақшҳои асосиро дар намоишномаи «Зол ва Рудоба» Фирдавсии Турдиалӣ (Зол), Дилафрӯз Саидова (Рудоба), Отахон Саидзода (шоҳ Манучеҳр), Муҳаммад Шомуддинов (шоҳ Сом) ва Меҳрӣ Ҳоҷибоева (Синдӯхт) бозӣ хоҳанд кард.

Ёдовар мешавем, ки ҳайати эҷодии Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар соли 2023 бо ин намоишнома дар Озмуни театрҳои касбии ҷумҳурӣ – «Парасту» иштирок намуда, сазовори ҷойи дуюм гардида буд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**




# Розҳои Ҳошим Гадо



Уқоб дар лона фарзандашро ба поён ишора карда, дарс медод: «Ҳар чизе, ки меҷунбад, он гиранда асту барои ту хӯрданибоб. Парвоз кун, чангол бизан, бидаррону бихӯр».

Уқоб ба фарзандаш дарси даррандагӣ ёд медод, вале ӯ як чизи дигарро фаромӯш карда буд, ки он ҷондор барои ҳифзи худ талош хоҳад кард…

***

Ҳама гуноҳҳо аз бехирадӣ сар мезананд.

***

Ҳар сӯзу гудозро охираш хурсандист.

***

Оқибати сабру таҳаммул хайр аст.

***

Шабу рӯз ва рӯзу шаб андешидам, ки як гиреҳи кӯргиреҳи зиндагиро кушоям. Сад афсӯс, ки нӯгашро ёфтаму худ дар гиреҳ баста шудам.

***

Парандае аз селаи парандаҳо ҷудо гашт, нобуд шуд…

На ҳар ҷудомонда зиста метавонад.

***

Онҳое, ки танҳо зиста метавонанд, каманд. Дар ҳар аср касоне пайдо мешаванд.

***

Рангҳо якҷоя парвоз карданд. Ҳангоми парвоз бо ҳам созиш накарданду ба ҷудошавӣ сар карданд. Онҳое, ки якҷо монданд, ба соҳили мурод расиданд.

Тақдири рангҳои ҷудошуда то ҳол маълум нест…

***

Олиме кашфиёт карду оламиёнро ба ҳайрат гузошт.

Ӯ гуфт:

- Торикӣ сояи рӯшноист.

***

Бобо ба набера:

- Сарфакорию зам карданро ёд гир, вагарна дар зиндагӣ хору зор хоҳӣ шуд.

***

Аз наздикон ва дӯстон бисёр ёрӣ мапурс, зеро дар наздашон шумрӯ хоҳӣ шуд.

***

Дар байни ҷамъият танҳо будан даҳшатнок аст.

***

Ҳақиқатро бисёр макоб, ҳақиқати мутлақ вуҷуд надорад. Набуд, нест ва ҳеҷ гоҳ нахоҳад буд. Ҳама ҳуққабозию сохтакорӣ ва худфиребӣ аст. Дар оянда ҳам ин бозиҳо ба тарзи нав давом хоҳанд кард. Боз кӣ медонад.

***

Табиатро об ҳам обод мекунаду ҳам вайрон, одамро бошад, одам.

***

Ба сарат ҳар савдое, ки омад, парво макун.

Фақат ба худ бигӯй:

- Ин ҳам мегузарад.

***

Кӯрҳо ва карҳо машварат карданд. Карҳо кӯрҳоро нашуниданд, кӯрҳо карҳоро надиданд.

***

Аксар вақт чашмҳо намебинанд онеро, ки дил мебинад.

***

Гули бехор умри дароз набинад, зеро он осон хӯроки хазандаю чарандагон гардад.

***Аз китоби «Розҳо», ҷилди якуми осори Ҳошим ГАДО***

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 419684 | Маркази саломатии ноҳияи Кӯшониён | Гипохлорид ва қуттии зидди сӯхтор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 15.02.2024 09:55:15 |
| 2 | 419686 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ранги равғанин, масолеҳи сохтмонӣ, светодиоди ранга ва блоки системавӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 15.02.2024 15:55:55 |
| 3 | 419685 | Муассисаи давлатии «Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим»-и шаҳри Кӯлоб | Хӯроквории | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 16.02.2024 11:09:33 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқии дорои иҷозатномаи махсуси хоҳишмандро аз рӯи 1 лот, ки аз тарафи шарики рушд - Салиби Сурхи Ҷопон дастгирӣ меёбад, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд: Аз рӯи лоиҳаи «Об ва санитария»:**

Лоти 1: Таъмини маводу таҷҳизот барои кашидани хати оби нӯшокӣ ба деҳаи Сангчашмаи Ҷамоати деҳоти Алмосӣ ва деҳаи Нилуи маҳаллаи Хилисойи Ҷамоати деҳоти Хонақоҳи кӯҳии шаҳри Ҳисор.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқии дорои иҷозатномаи дахлдор баромад намудан, инчунин, мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот, таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар соатҳои корӣ бо телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Умари Хайём 120, унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Мӯҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо **9 феврали соли 2024, соати 09:00** бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

## Проект «Раннего развития детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане», финансируемый Всемирным банком

## Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на замещение позиции: Специалист по мониторингу и оценке

Целью задания является выполнении ролей и обязанностей заинтересованных сторон проекта в сборе, анализе и передаче проектных данных и результатов, а также в разработке Национальной системы МиО РРД.

**Квалификационные требования:**

• Степень в области экономики, политологии, управления природными ресурсами, бизнес-администрирования, имеющего отношение к мониторингу и оценки, а также управление проектами;

• Не менее трех лет соответствующего опыта работы по разработке и внедрению системы мониторинга и оценки проекта в авторитетной международной организации или в проекте, поддерживаемом донорами;

• Сертифицированный тренинг по разработке и внедрению системы МиО, проведенный надежным поставщиком тренингов;

• Большой опыт в разработке Руководства по МиО, составлении отчетов МиО, разработке планов реализации проектов;

• Опыт проведения обучения (и разработки соответствующих материалов, например, руководств, презентаций и т. д.) для различных аудиторий (например, сельского населения, государственных служащих и специалистов, неправительственных организаций);

• Опыт в разработке плана обследований является преимуществом;

• Требуются навыки работы с компьютером (MS office, MS Word, MS Excel, Power Point, электронная почта, Интернета и т. д.), опыт создания и обслуживания баз данных (на уровне пользователя) будет преимуществом;

• Свободное владение письменным и устным таджикским и русским языками; хорошее владение английским языком является преимуществом.

https://docs.google.com/document/d/1fgzCrrF0ryQpOJTGzLEEDF5QMrxAnkdi/edit?usp=share_link&ouid=103693260577587624714&rtpof=true&sd=true

**Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:**

• Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует, и краткое обоснование его / ее квалификации на эту должность;

• Подписанное и датированное резюме (CV) на русском или таджикском языке с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;

• Копия диплома и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;

• Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

**Крайний срок подачи документов до 11 февраля 2024 г., 16:00 по местному времени.**

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**

734025 Республика Таджикистан,
ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе
(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)
E-Mail: jobs.info@ecdp.tj
Phone: (+992) 37 221 06 91
Главный специалист по закупкам ГРП РРД Сайфуллоев Мусо.

На основании проверки резюме отобранные и включенные в короткий список кандидаты будут проинформированы о результатах проверки в течение 10 рабочих дней с момента окончания срока подачи документов. Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование и (если собеседование запланировано) оценены.

Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному контакту.

# ЭЪЛОН!

Иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 26 феврали соли 2024 саҳми багаравгузошташуда дар манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷ. Расулов, бинои 47/5, хонаи 1-ро иборат аз ду ҳуҷра бо масоҳати 91м² бо арзиши 40950 доллари ИМА, мутаносибан бо асъори миллӣ, ба музоядаи оммавӣ мегузоранд.

Хоҳишмандон барои гирифтани маълумоти иловагӣ метавонанд бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский 32, утоқи кории 32 муроҷиат намоянд.

Телефон: 235-21-66

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат таҳти феҳрасти 1Ш-99 санаи 20-уми январи соли 2015 бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Ҳ. Ризо, бинои 13, хонаи 18 ба Ҷунайдов Эмомалӣ Аскарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии литери 2А2/хп, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 24-уми июни соли 2020 таҳти феҳрасти 1Ш-1787 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Обчакорон, хонаи истиқоматии таҳти литери 2А2/хп ба Шарипов Алишер Тағоймуродович (РМА 046567020) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ 2-юми августи соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, маҳаллаи Гулбутта-4, хонаи 199 ба Сатторов Абдураҳим Абдулхаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ 2-юми августи соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, маҳаллаи Гулбутта-4, хонаи 200 ба Сатторов Бобоҷон Абдуҷабборович (РМА 125496580) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи қисми хирмангоҳи силсилаи ХТ №0776132, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Восеъ 21-уми майи соли 2020 таҳти феҳрасти 1Ш-205 бо суроғаи ноҳияи Восеъ, Ҷамоати деҳоти М. Маҳмадалиев, деҳаи Тосқалъа, қисми хирмангоҳ ба Муродов Мираҳмад Холаҳмадович (РМА 195857758) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Рӯдакӣ ба Касымов Махсат Хаджибаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда оид ба хатм бо силсилаи А №489563, ки онро МТМУ №45-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Ҳалимов Ҳотамбек Ҳайдарович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи аълочии гумшудаи силсилаи ДОА №0010169, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2016 таҳти қайди 470 ба Қурбонзода Анушаи Муҳиб (РМА 127696162) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматии силсилаи НТ №0658644, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Чимтеппа, бинои 1/1, хонаи 1 ба Ҳалимов Шокирҷон Тоҷидинович (РМА 046922336) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи оиди беподош додани минтақаи саноатии собиқ мошинсаройи силсилаи ХТ № 0938023, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Норак 2-юми марти соли 2022 таҳти феҳрасти 1Ш-91 бо суроғаи шаҳри Норак, маҳаллаи Лангар (минтақаи саноатӣ) бо масоҳати умумии 884, 90 м² ба Юсупов Рустам Усмонович (РМА 036034589) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А02437097, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 1-уми августи соли 2019 ба Қаюмов Раҳимҷон Латифович (РМА 037771092) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, шаҳраки 192-193, қитъаи 488 А ба Тураева Зульфия Мирзоевна (РМА 015314610) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ҷорубсоз, хонаи 59 ба Олимов Хол (РМА 095641837) додаст, эътибор надорад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маталибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 26 январи соли 2024, соати 14:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34905 нусха*

Навбатдори шумора
Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97